# СУРАТМАҶЛИСИ № 45
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018

10 октябри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Тағойназаров Ш.Т.,., аъзоёни комиссияи ташхис доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, професор, Муртазозода Ҷ.С., ва Имомова Н.М., баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Аминова Фарида Махмадаминова – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон;

– Собирзода Исфандиёри Салом - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия - муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 09 январи соли 2024 соати 10:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**